*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №30 (2857) | СЕШАНБЕ, 13 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|

## Воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик** *10 марти соли 2012*



**Дўстони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Мулоқоти мо бо рўзноманигорон, кормандони воситаҳои ахбори омма ва собиқадорони соҳаи матбуот дар остонаи санаи муҳими таърихиву фарҳангӣ - садумин солгарди матбуоти тоҷик баргузор мегардад.

Бинобар ин, ҳамаи шумо – аҳли матбуоти кишварро ба ифтихори ин санаи таърихӣ самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, саодати рўзгор ва дар корҳои эҷодиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Имрўз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд.

Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рўзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд.

Зеро ҷомеа ба ахбор доир ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва умуман ҳамаи шохаҳои ҳокимият ниёз дорад, ки ин яке аз аслҳои бунёдии ҷомеаи озоди демократист.

Дар робита ба нақшу мавқеи матбуот яке аз аввалин рўзноманигорон ва саромадони матбуоти тоҷик устод Садриддин Айнӣ ҳанўз дар ибтидои асри гузашта чунин гуфта буд: «Рўзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки рўзнома надорад, гўё забон надорад».

Бо дарназардошти ин, рисолати матбуот аҳли қалами тоҷик 11-уми марти соли 1912 нахустин рўзномаи тоҷикиро бо номи «Бухорои Шариф» чоп карданд, ки яке аз рўйдодҳои муҳими фарҳангиву таърихии мардуми мо дар сад соли гузашта маҳсуб мешавад.

Аз ин рў, ба андешаи ман, 100 - солагии матбуоти тоҷик на танҳо ҷашни аҳли матбуот, балки ҷашни умумимиллӣ низ мебошад.

Барои ба вуҷуд омадани нахустин рўзномаи тоҷикӣ фарзандони равшанзамиру маърифатпарвари миллат, ки бо фаъолияти муассири ҷамъиятиву сиёсӣ ва фарҳангии худ дар он замон эътибори баланд доштанд, саҳм гирифтанд.

Вақте ки ба таърихи матбуотамон назар меафканем, қабл аз ҳама хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон - устод Садриддин Айниро ба ёд меорем, ки ба хотири гузоштани асосҳои давлати мустақили мо анҷом додааст. Маҳз устод Айнӣ бо мақолаҳои ватандўстонаву маорифпарварона ва сухани миллатсози худ ба бедории мардуми тоҷик такони ҷиддӣ бахшидааст.

Дар як мақолааш устод Айнӣ таъкид намудааст: «Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ўст, Ватан хеш ва табори ўст, Ватан шараф ва номуси ўст, Ватан ҳама чизи ў ва ҳаёти ўст! Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро гум накардааст, Ватани худро мисли модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дўст медорад, ўро ҳимоят ва мудофиа мекунад».

Ин суханони воқеан пурарзиш ва ин панди устод барои ҳамаи мо ва хусусан барои аҳли қалам ва рўзноманигорон сабақи бузург ва чароғи роҳнамо дар фаъолияти ҳаррўзаамон бояд бошанд!

Бояд ёдовар шуд, ки аввалин рўзномаи давлатии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» таъсис ёфта буд, ки имрўз бо номи «Ҷумҳурият» нашр мешавад. Мо ифтихор дорем, ки устод Абулқосим Лоҳутӣ аз аввалин муҳаррирони рўзномаи «Иди тоҷик» буд ва дар баробари эҷодиёти ниҳоят ғановатмандаш дар рушди матбуоти тоҷик низ хизматҳои шоёнро анҷом дод.

Дар давраҳои минбаъда низ аксари адибони маъруфи мо ва умуман аҳли қалам ё фаъолияти худро аз воситаҳои ахбори омма оғоз кардаанд ё ба онҳо ҳамкории доимӣ дошта, бо ҳамин роҳ дар рушди матбуоти миллӣ саҳми намоён гузоштаанд.



Шумо, ҳозирини гиромӣ, аз саҳми онҳо дар рушди матбуот ва фарҳангу адаби тоҷик, инъикоси равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва чараёни сохтмонҳои он давра хуб огоҳ ҳастед.

Бинобар ин, мехоҳам таъкид намоям, ки матбуоти имрўзаи мо бояд ин мактаби арзандаву омўзандаро ҳаргиз фаромўш насозад ва анъанаҳои неки онро идома бахшад.

(Идома дар саҳ. 2)

## Қарори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 29 марти соли 2012 соати $9^{00}$ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 9 марти соли 2012 № 9**

Шўрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки ба баррасии Иҷлосияи ҳаштуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум масъалаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама».

Ҳамзамон баррасии дигар қонунҳою санадҳои ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар назар дошта шудааст.

## Дар Шўрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**12 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шўрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Суратгир А. ИСОЕВ

Қарори Шўрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рўзномаи ҷаласаи навбатии Шўрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарбаргирии масъалаҳои зерин тасдиқ шуд:«Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рўзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Мудири шўъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои номбурдаро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуда, тавзеҳ дод.

Масъалаҳои мазкур тибқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шўрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шўъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров зимни ҷамъбасти ҷаласаи навбатии Шўро таваҷҷуҳи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳои мавҷуда ва ҷиҳати баррасӣ ба Шўро пешниҳод намудани онҳо ҷалб намуд. Ҳамзамон ба масъулону мутасаддиён ҷиҳати омодагӣ ба Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баргузории муҳокимаҳои парламентӣ, ташкили ҳамкориҳо бо воситаҳои ахбори омма супоришу дастурҳои мушаххас дода шуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 7 марти соли 2012 № 716**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №11, мод. 773) қисми шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Воридоти нишастгоҳҳои зудҷамъшаванда аз конструксияҳои оҳанин ва дарахту буттаҳо, ки барои таҷлили Иди байналмилалии Наврўз дар соли 2012 ба Муассисаи давлатии «Наврўзгоҳи пойтахт» аз ҳисоби буҷети шаҳри Душанбе харидорӣ шуда, номгўй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2012 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 10 марти соли 2012 № 798**

## Сўҳбати Шукурҷон Зуҳуров бо Алиакбар Солеҳӣ



Суратгир А. ИСОЕВ

**9 марти соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алиакбар Солеҳиро ба ҳузур пазируфт**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров меҳмони олиқадрро самимона хайра мақдам гуфта, изҳор дошт, ки ин мулоқот дар арафаи ҷашни бостонии Наврўзи байналмилалӣ баргузор мегардад, аз ин рў, Шумо ва тамоми мардуми ҳамдину ҳамдил ва ҳамзабону ҳамфарҳанги эрониро ба муносибати фарорасии ин ҷашни фархунда табрику таҳният гуфта, орзуманди он ҳастам, ки пирўзӣ, шукуфоии наврўзӣ ва рушду нумўи ҳар чӣ бештари тамоми бахшҳои ҷомеа насиби халқҳои ҳар ду кишвар гардад. Ҷойи хушист, ки Наврўз ин суннати кўҳани ниёгон ва ҷашни бостонии мардуми эронитабор бо Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ таҷлил мегардад, ки чунин рўйдоди фараҳбахш боиси ифтихору шодмонии ҳар як тоҷику эронист. Анъанаи солҳои гузаштаи таҷлили Ҷашни Наврўзи байналмилалӣ аз Эрон имсол ба Тоҷикистон омад ва умедворем, ин ҷашн ҳамасола кишварҳои ҳар чӣ бештареро фаро хоҳад гирифт.

(Идома дар саҳ. 3)

# Воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд

(Идома аз саҳ. 1)

Агар ба сайри таърихии матбуоти тоҷик назар андозем, онро метавон ба се марҳала - давраи пеш аз инқилоб, даврони шӯравӣ ва замони истиқлол ҷудо намуд.

Бояд гуфт, ки матбуот дар Ҷумҳурии мо дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла дар замони шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма махсусан дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг доштанд.

Давраи комилан нав ва аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарққунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи мо маҳз дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт.

Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ матбуоти кишвари мо имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд.

Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ё радио таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд.

Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд.

Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишварамон шумораи расонаҳои хабарии мустақил хеле афзудааст ва аз лиҳози миқдор ҳоло онҳо нисбат ба расонаҳои хабарии ҳукуматӣ ба маротиб зиёданд.

Масалан, дар Тоҷикистон соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла вуҷуд дошт, ки аз ин шумора фақат чор рӯзнома хусусӣ буд. Ғайр аз ин, ҳамагӣ як агентии иттилоотии давлатӣ фаъолият мекард. Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо 446 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз ин теъдод 270 - тоаш ҷамъиятиву хусусӣ мебошад. Аз даҳ агентии иттилоотӣ, ки ба қайд гирифта шудааст, нӯҳ агентӣ ғайриҳукуматӣ аст.

Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 28 шабакаи радиову телевизион хусусӣ мебошад.

Ин, албатта, хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад.

Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд.

Дар яке аз вохӯриҳои худ бо аҳли зиё гуфта будам ва бори дигар такрор мекунам, ки воситаҳои ахбори оммаи имрӯза ба минбари таҳлилу баррасии фарогири мушкилоти рӯз табдил ёфтаанд.

Онҳо ба масъалаву мавзӯъҳое даст мезананд, ки бояд аз ҷониби сохтору мақомоти гуногуни давлатӣ дар доираи ваколатҳояшон ҳал карда шаванд.

Ҷараёни иҷрои Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи танқидию таҳлилии воситаҳои ахбори омма» нишон медиҳад, ки на ҳамаи мансабдорон танқиди воситаҳои ахбори оммаро дуруст қабул мекунанд ва на ҳамеша аз он хулоса бароварда, ҷиҳати ислоҳи камбудиву мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Баъзеҳо ҳатто ифшои камбудиҳои ин ё он соҳа ё ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаёти ҷомеаро танқиди шахсияти худ пиндошта, изҳори норизоият ва ранҷиш мекунанд.

Илова бар ин, вокуниши баъзе шахсони мансабдор ба маводи танқидиву таҳлилии воситаҳои ахбори омма ба ҷуз худсафедкунӣ ва бо чанд ҷумла аз сар соқит кардани масъала чизи бештаре нест.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки танқид ҳамчун падидаи созанда яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа мебошад, зеро озодии андеша, назари интиқодӣ ва таҳлилӣ ба далелу рӯйдодҳои ҷомеа боиси ошкор шудани нуқсу камбудиҳо ва ислоҳу пешрафти фаъолияти ин ё он соҳа мегардад. Гузашта аз ин, танқид ҳатто худи инсонҳоро дигар мекунад ва ба рушду камоли онҳо сабаб мешавад.

Ман матбуотро ҳамчун унсури муҳими муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар маҳз аз ҳамин дидгоҳ мепазирам ва фаъолияти онро аз ҳамин нуқтаи назар арзёбӣ менамоям.

Хотирнишон месозам, ки аз бисёр навиштаҳои рӯзноманигорон огоҳ ҳастам ва онҳоро дар мавридҳои зарурӣ мавриди истифода қарор медиҳам.

Вале, дар баробари ин, таъкид менамоям, ки воситаҳои ахбори омма набояд аз ваколатҳои касбии худ сӯистифода намоянд. Онҳо набояд ба тамоюли низоъангезиву тафриқаандозӣ, сарфи назар кардан аз арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, таҳқиру тӯҳмати шахсиятҳои хизматкарда, тарғиби фаҳш ва дигар кирдорҳои ношоиста роҳ диҳанд.

Онҳо бояд аз чоп ва пахши маводе худдорӣ намоянд, ки ба нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ расонида, боиси рӯҳафтодагӣ ва навмедии мардум мегарданд ва вазъи ҷомеаро ноором месозанд.

Ҳақиқат мисли офтоб аст ва тавре мардуми мо мегӯянд, онро бо доман пӯшонида намешавад. Дар баробари ин, ҳақиқат талх аст, ҳарчанд дар фарҷом меваи ширин ба бор меорад. Бинобар ин, ҳамеша ҳақиқатро гуфтан зарур аст. Вале танқид на дар асоси фармоиш ё ғарази муайян, балки танҳо дар заминаи таҳлили ҷиддӣ ва далелҳои боэътимод бояд сурат гирад.

Ҳамчунин мехоҳам таъкид намоям, ки рӯзноманигорон бояд аз амалияи ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, мурофиаи судӣ ва монанди онҳо, ки баъзан мушоҳида мегардад, худдорӣ намоянд ва дар риояи муқаррароти қонунгузории мамлакат намуна бошанд.

Ба ин, пеш аз ҳама иттиҳодияҳои касбии рӯзноманигорон, амсоли Иттифоқи журналистон, Ассотсиатсияи воситаҳои ахбори оммаи мустақил, Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва монанди инҳо бояд мусоидат намоянд.

Зеро ҳадафи асосии ҳамаи мо бо роҳи дурусту созанда ва дар сатҳи арзандаи касбӣ пеш бурдани матбуот аст. Итминон дорам, ки ин ташкилоту созмонҳо минбаъд низ ҷиҳати рушди кишвар ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоиву маънавии ҷомеаи мо ҳиссаи сазовори худро хоҳанд гузошт.

Бо забони соддаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз вазифаҳои асосии матбуот ва умуман аҳли қалам мебошад. Вале, чуноне имрӯз дар саҳифаҳои баъзе рӯзномаву маҷаллаҳо мебинем, калимаву истилоҳоти душворфаҳму номафҳум зиёд истифода мешаванд ва хонанда аз онҳо чизеро намефаҳмад.

Ғайр аз ин, солҳои охир дар маводу матолиби баъзе рӯзномаву ҳафтономаву маҷалла ва дигар воситаҳои ахбори омма қоидаҳои оддитарини имлои забони тоҷикӣ риоя карда намешаванд ва онҳо пур аз ғалату иштибоҳ мебошанд.

Албатта, ҳар як эҷодкор сабку услуби худро дорад, вале он бояд ба доираи васеи хонандагон фаҳмо бошад. Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Ба андешаи ман, ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад.

Боиси хушнудист, ки имрӯз дар Тоҷикистон як гурӯҳи калони эҷодкорон машғули фаъолиятанд, ки маҳорати касбии баланд, ҷаҳонбинии васеъ, қалами бурро, андешаи мустақил ва услубу назари хоси худро доранд ва аз меъёрҳои қонунгузории мамлакат хуб огоҳанд. Онҳо анъанаҳои неку шоистаи нависандагон ва рӯзноманигорони наслҳои гузаштаи моро идома медиҳанд ва соҳиби мактаби хоси худ низ мебошанд.

Мо бояд онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ кунем, ҳавасманд созем ва аз донишу таҷрибаи онҳо истифода барем.

**Дӯстони азиз!**

Дар оғози давраи гузариш, яъне ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта матбуоти мо чун тамоми ҷомеаи мо марҳалаи мушкилро аз сар гузаронид. Замоне буд, ки на маблағ, на коғаз ва на дастгоҳҳои муосири чопӣ доштем. Ҳатто як қисми журналистони мо аз Ватан берун рафтанд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, матбуоти мо ба хотири муттаҳид кардани тамоми қувваҳои солими ҷомеа, пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол, расидан ба ваҳдати миллӣ, баргардониданн гурезаҳо, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи демократӣ, инкишоф додани иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани эътибори байналмилалии давлати тозаистиқлоли мо фаъолияти муассир нишон дод.

Матбуоти тоҷик, сарфи назар аз шакли моликият, дар даврони истиқлол тадриҷан рушду такомул ёфта, имрӯз ба Тоҷикистон ва мардуми он софдилона ва содиқона хизмат менамояд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар мамлакати мо барои пешрафт ва фаъолияти озодонаи воситаҳои ахбори омма тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд ва пайваста такмил дода мешаванд.

Ҳоло фаъолияти воситаҳои ахбори омма тавассути қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи реклама» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад.

Ҳадафи аслӣ аз ташкили нишастҳои матбуотие, ки тибқи Амри Президент дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ соле ду маротиба ва дар сурати ба миён омадани масъалаҳои қобили баррасии фаврӣ ба таври пайваста баргузор мегарданд, таъмини дастрасии бештари воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандони кишвар ба иттилооти расмӣ мебошад.

Тавре ба шумо маълум аст, дар миёни нашриёҳо, асосан нашриёҳои мустақил ва объектҳои танқидшаванда ҳолатҳои баҳси судӣ, инчунин оғоз гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба баъзе рӯзноманигорон ҷой доранд.

Мавқеи ман ҳамчун Сарвари давлат, ҳамчун ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, кафили ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон чунин аст: ҳар шахс, сарфи назар аз касбу кор ва мақому манзалаташ дар ҷомеа бояд барои аъмоли худ дар назди қонун ҷавоб гӯяд. Зеро дар назди қонун ҳама баробаранд ва ба ҳеҷ кас имтиёз ё афзалият дода намешавад.

Аз ин лиҳоз, баҳсҳое, ки миёни нашриёҳо ва объектҳои танқидшаванда ба миён меоянд, бояд аз тариқи судҳо ҳаллу фасл карда шаванд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъаларо хотирнишон намоям. Дар қонунгузории соҳа ҳолатҳое низ ҳастанд, ки дар доираҳои рӯзноманигорон ва коршиносон боиси баҳсҳои доманадор шудаанд.

Аз ҷумла мубоҳисаҳо дар атрофи моддаҳои 135 ва 136-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи онҳо рӯзноманигорон барои таҳқиру тӯҳмат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, кайҳо ба ҳама маълуманд.

Бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории ҷаҳони мутамаддин ва бо истифода аз ваколатҳои конститутсионии худ пешниҳод менамоям, ки моддаҳои вобаста ба таҳқиру тӯҳмат аз қонунгузории ҷиноятӣ ба қонунгузории гражданӣ гузаронида шаванд.

Аз ин рӯ, ба Вазорати адлия супориш дода мешавад, ки лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро вобаста ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи чопхонаҳо, сари вақт дастрас намудани нашриёҳои даврӣ ба аҳолии мамлакат, бахусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон беҳбудӣ мехоҳад.

Бо сабаби дар маҳалҳо мавҷуд набудани шароити чоп ва кӯҳнаву фарсуда будани таҷҳизоти чопӣ аксари рӯзномаҳои ноҳиявӣ бо сарфи зиёди вақт ва маблағ дар матбааҳои шаҳри Душанбе ба табъ мерасанд.

Бо дарназардошти ин вазъият солҳои охир аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ матбааҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияи Рашт ва Корхонаи воҳиди давлатии Комплекси табъу нашри «Шарқи озод» бо таҷҳизоти муосири чопӣ таъмин гардиданд.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди кории рӯзноманигорон дар маркази вилояти Суғд «Хонаи матбуот» бо тамоми таҷҳизоту технологияи пешрафта ва шароити кории муосир ба истифода дода шуд.

Дар асоси «Барномаи компютерикунонии муассисаҳои нашриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2013» дар ду соли охир идораҳои рӯзномаву матбааҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо таҷҳизоти компютерӣ, дигар воситаҳои техникии иттилоотӣ ва технологияи электронӣ таъмин карда шуданд.

Дар доираи ин барнома соли ҷорӣ идораҳои рӯзномаҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявии вилояти Хатлон ва соли оянда вилояти Суғд бо чунин таҷҳизот таъмин карда хоҳанд шуд.

Бо вуҷуди ин, ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки ҷиҳати бо таҷҳизоту технологияҳои ҳозиразамони чопӣ таъмин намудани матбааҳои маҳаллӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Инчунин вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва энергетика вазифадоранд, ки ҳангоми таҳияи «Барномаи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи таъмиру таҷдиди Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе ва дигар чопхонаҳо, аз ҷумла чопхонаҳои вилоятиро ба инобат гиранд.

Фаъолияти матбуоту нашриёт, корхонаҳои полиграфӣ ва муассисаҳои паҳнкунандаи матбуот аз бисёр ҷиҳат бояд ба амалӣ гардидани ҳуқуқи қонунии шаҳрвандон ба гирифтани маълумоти боэътимоду саривақтӣ мусоидат намояд. Ҳалли ин масъала бахусус барои сокинони деҳот хеле зарур аст.

Зеро дар шароити кунунӣ, ки аҳолии қисме аз манотиқи кишвар бинобар реҷаи интиқоли нерӯи барқ барномаҳои телевизиону радио ва шабакаи интернетро ба таври доимӣ истифода бурда наметавонанд, дастрас набудани рӯзномаву маҷаллаҳо метавонад боиси ноогоҳии мардум аз тадбиру амалҳои муҳими давлативу ҳукуматӣ ва дигар ахбори зарурӣ гардад.

Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» бинобар заиф гаштани заминаи моддиву техникии худ маҳсулоти чопиро сари вақт дастраси хонандагон карда наметавонад, ки дар натиҷа аҳолии бисёр шаҳру ноҳияҳои дур аз марказ аз мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳо бенасиб мемонанд.

Чунин вазъият яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд наомадани нашриёҳои ҳаррӯза ва ба дараҷаи кофӣ рушд наёфтани матбуоти имрӯза гаштааст.

Давлат метавонад дар кори созмон додани шабакаи миллии паҳнкунии маҳсулоти чопӣ бо роҳи таҷдиди фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» ва фароҳам овардани шароит барои ҷойгирсозии дӯконҳои фурӯши рӯзномаву маҷаллаҳо дар маҳалҳои серодами шаҳру ноҳияҳо мусоидат намояд.

Бо дарназардошти ин, ба Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки масъалаи мазкурро якҷо бо роҳбарони воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва муассисаҳои табъу нашри мамлакат мавриди омӯзишу таҳлили амиқ қарор дода, хулосаи худро ҷиҳати ҳалли он то моҳи июни соли ҷорӣ ба Ҳукумат пешниҳод намояд.

Зимнан бояд гуфт, ки фурӯши маҳсулоти чопӣ дар ҳудуди пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе муносибати махсусро тақозо дорад.

Аз ин рӯ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вазифадор аст, ки дар масъалаи рушди минбаъдаи бозори фурӯши нашриёҳо дар пойтахт, аз ҷумла масъалаи тарзу усули ҷойгиршавии шабакаву нуқтаҳои паҳнкунӣ ва фурӯши чаканаи маҳсулоти чопӣ чораҳои иловагӣ андешад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар замони муосир ҷиҳати сари вақт ба аҳолӣ расонидани иттилоот дар баробари матбуоти чопӣ воситаҳои ахбори оммаи электронӣ – шабакаҳои телевизион, радио ва интернет саҳми бузург мегузоранд.

Пешрафти рӯзафзуни технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва таҷрибаи ҷаҳони имрӯза аз он далолат мекунад, ки истифодаи самараноки воситаҳои электронии ахбор на танҳо боиси пурра гардидани фазои иттилоотӣ мегардад, балки бо истифода аз онҳо ба таъмини беҳтари амнияти иттилоотии кишвар ноил шудан мумкин аст.

Мутобиқи Созишномаи «Женева-2006», ки бо ташаббуси Иттиҳоди байналмилалии алоқаи барқӣ қабул шудааст, аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон то соли 2015 ба пахши рақамии барномаҳои телевизиону радио мегузаранд.

Пахши рақамӣ, ин сифати олии тасвиру садо ва имконияти фаровони истифода аз теъдоди зиёди шабакаву хизматрасониҳо мебошад.

Соли 2015 мо имкон пайдо мекунем, ки дар хона ё ҷойи кор мустақилона мӯҳтавои барномаҳои радио ва телевизионро мувофиқи табъу завқи худ мураттаб созем, ба шабакаи интернет ворид шавем, дар овоздиҳии гуногуни мустақим бевосита иштирок намоем ва аз даҳҳо намуд имкониятҳои дигар истифода барем.

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъалаи ниҳоят муҳимро хотирнишон созам. Рушди воситаҳои ахбори омма чун ҳамаи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа ва давлат бидуни кадрҳои болаёқат ва мутахассисони варзида ғайриимкон аст.

Вале чунонки мебинем, вазъи омода намудани рӯзноманигорону наттоқон, коргардонҳову тарроҳон, наворбардорони касбӣ ва мутахассисони дигар риштаҳои ин соҳа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ то имрӯз ба талаботи замона ва эҳтиёҷоти идораҳои воситаҳои ахбори омма ҷавобгӯй нест.

Доир ба ин масъала борҳо гуфтаем ва бори дигар такрор мекунем. Ба назари ман, ин масъала бе дахолати фаъоли мақомоти давлатӣ ҳалли худро ёфта наметавонад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби вазоратҳои фарҳанг, маориф ва Кумитаи телевизион ва радио бояд барномаи давлатии тарбияи кадрҳои болаёқати воситаҳои ахбори омма таҳия гардад ва то моҳи сентябри соли ҷорӣ ба баррасии Ҳукумат пешниҳод карда шавад.

Ин барнома бояд тамоми самтҳои соҳаро фаро гирад. Мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии шӯъбаю факултетҳои дахлдор дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҷалби мутахассисони баландихтисос ва ботаҷрибаи соҳа ба раванди тарбияи кадрҳо, ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим, ташкили студияҳои таълимӣ, ба роҳ мондани такмили ихтисоси кормандон дар дохили мамлакат ва хориҷ аз он аз қабили ҳамин гуна самтҳои асосӣ мебошанд.

Ду сол пеш Кумитаи телевизион ва радио пешниҳод карда буд, ки дар заминаи Маркази миллии санъатҳои тасвиру овоз Академияи телевизион ва радио таъсис дода шавад. Азбаски он замон вазъи молиявию иқтисодӣ ба амалӣ намудани ин иқдомот имконият намедод, Ҳукумат баррасии ин пешниҳодро мавқуф гузошта буд. Ба назари ман, вақти баррасии ин масъала расидааст.

Албатта, шарт нест, ки тамоми хароҷоти ин академия аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт шавад, балки маблағҳои дохиливу алтернативӣ, грантҳо ва манбаъҳои дигари маблағгузориро низ дар назар доштан зарур аст.

Ба ин академия барои баргузор намудани ҳар гуна маҳфилу озмунҳо ва курсҳои омӯзишӣ мутахассисони беҳтарину соҳибтаҷрибаи соҳаи воситаҳои ахбори оммаро аз дохил ва хориҷи кишвар ҷалб кардан мумкин аст.

Чизи дигари муҳим ин аст, ки академияи мазкур бояд на танҳо академияи телевизиону радио, балки академияи ҳамаи воситаҳои ахбори омма бошад ва бинобар ин, номи дурусту мувофиқ дошта бошад.

Вобаста ба ин, ба Кумитаи телевизион ва радио супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати фарҳанг лоиҳаи санади дахлдорро таҳия карда, баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута то охири нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Ҳукумат пешниҳод намояд.

Имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки барои ҳавасмандгардонӣ ва қадр кардани заҳмати дарвоқеъ душвори рӯзноманигорон як силсила тадбирҳои судманд амалӣ карда шаванд.

Масалан, таъсис додани Ҷоизаи давлатии ба номи Садриддин Айнӣ барои хизматҳои арзандаву шоён дар соҳаи воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва электронӣ метавонад аз қабили ҳамин гуна тадбирҳо бошад.

Ин ҷоиза бояд ба рӯзноманигороне супорида шавад, ки фаъолияти онҳо ба таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодии давлат ва пешрафти маънавии ҷомеа, густариши арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳангии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Фикр мекунам, ки ин тадбир минбаъд обрӯйи воситаҳои ахбори омма, эътибори сухан ва суханвар, масъулияти ӯро дар назди халқу Ватани азизи мо боз ҳам баланд мебардорад.

**Дӯстони азиз!**

Асри бистуякро асри иттилоот ном мебаранд. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст. Одамон ба воситаи интернет аз навигариҳои олам фавран огоҳӣ меёбанд.

Ҳоло қариб 2 миллион нафар сокинони мамлакат аз шабакаи ҷаҳонии интернет истифода мебаранд. Ғайр аз ин, 6 миллион нафар муштариёни алоқаи мобилӣ низ метавонанд ҳар лаҳза ба ин шабака пайваст шаванд.

Дар робита ба ин, имрӯз дар илми сиёсатшиносӣ мафҳуми нав - «ҷанги иттилоотӣ» ё «муборизаи иттилоотӣ» хеле маъмул гаштааст, ки дар ин хусус ҳанӯз соли 2009 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат ибрози назар карда будам.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ барои пешбурди манфиатҳои худ ва паст задани манфиати дигарон давлатҳо, ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд.

Дар ин росто солҳои охир дар сомонаҳои гуногуни интернет бар зидди кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Тоҷикистон як маъракаи огоҳона ва муғризона идома дорад.

Комилан яқин аст, ки соҳибистиқлолии мо ва нияту нақшаҳои стратегии мо ҷиҳати рушду тараққии Тоҷикистон, инчунин сиёсати бисёрсамтаи хориҷии мо ба доираҳои муайян хуш намеоянд.

Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми кишварҳои сайёра аҳамияти аввалиндараҷа касб намудааст.

Вақтҳои охир ҳатто сарони давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар бораи зарурати танзими фаъолияти интернет дар доираи қонунҳои байналмилалӣ изҳори назар мекунанд.

Ба андешаи ман, вақти он расидааст, ки мақомоти қонунгузор, ҳуқуқшиносону рӯзноманигорон ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон низ дар ин бобат ба таври ҷиддӣ мулоҳиза кунанд.

Муҳим он аст, ки аҳли қалами кишварамон дар пешорӯйи ин гуна маводи ғаразноку таҳқиромез, ки ба хотири паст намудани иродаи сиёсӣ ва азму суботи мо, инчунин расидан ба иззати нафси мардум ва миллати қадимаи мо пахн карда мешаванд, хомӯшӣ ихтиёр накунанд.

Аз ин лиҳоз, фаъолияти иттилоотии мо ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалӣ бояд бамаротиб беҳтар карда шавад.

Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.

Зеро, тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба воситаҳои ахбори омма бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад.

Дар фарҷоми сӯҳбат мехоҳам боз аз як мақолаи устод Садриддин Айнӣ ёдовар шавам. Ин мақола чунин ном дорад: «Кори Тоҷикистон гул карданист!».

Дар пайравии устод ман гуфтанӣ ҳастам: бале, кори Тоҷикистон гул карданист, ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дурахшон аст! Мо ҳатман ба ҳадафҳои милливу стратегии худ ҷиҳати рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ноил хоҳем шуд.

Ва ман бо итминон изҳор медорам, ки дар иҷрои ин ҳадафҳои нек шумо, рӯзноманигорон, аҳли қалам ва аҳли фикру андеша ҳиссаи сазовори худро мегузоред.

Бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистон, аҳли матбуоти кишвар ва ҳамаи шумо-ҳозирини арҷмандро бо ҷашни 100 - солагии матбуоти тоҷик самимона табрик мегӯям ва бароятон саломатӣ, умри дароз ва комёбиҳои тозаи эҷодӣ орзу менамоям!

**Саломату сарбаланд бошед!**

## Эмомалӣ Раҳмон: «100 - солагии матбуоти тоҷик ҷашни умумимиллӣ аст»



**10 марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 100-умин солгарди матбуоти тоҷик бо намояндагони сершумори воситаҳои ахбори омма мулоқот намуд.**

Ҷамъомади идонаи бахшида ба солгарди 100 – уми матбуоти тоҷик дар Театри давлатии академии опера ва балети Садриддин Айнӣ баргузор гардид.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аҳли матбуоти кишварро ба ифтихори ин санаи таърихӣ самимона табрик гуфта, барояшон саломатӣ, саодати рӯзгор ва парвозҳои баланди эҷодӣ таманно намуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз таърихи садсолаи матбуоти тоҷик, аз ҷумла солҳои аввали он ва фаъолияти тақдирсози устод Садриддин Айнӣ, нақши воситаҳои ахбори оммаро дар бунёд ва рушди давлатдории навини тоҷикон бузург арзёбӣ намуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба аҳамияти воситаҳои ахбори омма дар таърихи миллат ва рушди ҷомеа изҳор дошт: - «100 - солагии матбуоти тоҷик на танҳо ҷашни аҳли матбуот, балки ҷашни умумимиллӣ низ мебошад».

Бо ёдоварӣ аз се марҳилаи рушди матбуоти тоҷик, яъне давраи пеш аз инқилоб, даврони шӯравӣ ва замони истиқлол Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки маҳз дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон шумораи воситаҳои ахбори омма, хусусан расонаҳои мустақил бамаротиб афзун шуд. Зикр гардид, ки «соли 1991 ҳамагӣ як агентии иттилоотии давлатӣ вуҷуд дошт ва аз 139 адад рӯзномаву маҷалла фақат чор рӯзнома хусусӣ буд. Имрӯз бошад, 446 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки 270 - тоаш ҷамъиятиву хусусӣ мебошад. Аз даҳ агентии иттилоотӣ, ки ба қайд гирифта шудааст, 9-тоаш ва аз 44 шабакаи радиотелевизионӣ 28 – тоаш хусусӣ мебошад».

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон расонаҳои давлатӣ ва мустақилро «ду шохаи ба ҳам пайвастаи матбуоти тоҷик» ва дар умури идораи давлатӣ «ёварони давлату Ҳукумат» арзёбӣ намуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доир ба мусоидат ба фаъолияти озоду ошкоро ва созандаи матбуоти тоҷик ба сохторҳои масъули давлатӣ як қатор супоришҳои мушаххас дод.

Аз ҷумла дастур дода шуд, ки моддаҳои вобаста ба таҳқиру тӯҳмати (135 ва 136) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории гражданӣ гузаронида шаванд.

Супоришҳои мушаххас, ҳамчунин доир ба омода кардани нуқтаҳои фурӯши матбуоти даврӣ дар маҳалҳои серодами шаҳру ноҳияҳо, навсозии воситаҳои чопи рӯзномаю маҷаллаҳо, саҳлсозии расондани нашриёҳо ба минтақаҳои кишвар, таҳияи барномаи давлатии омодасозии кадрҳои соҳа, таъсиси Академияи телевизион ва радио ва ғайра дода шуд.

Ҳамчунин дастур дода шуд, ки Ҷоизаи давлатии ба номи Садриддин Айнӣ барои хизматҳои арзандаву шоён дар соҳаи воситаҳои ахбори омма таъсис дода шавад.

Дар охири ҷамъомад ба ифтихори 100-умин солгарди матбуоти тоҷик як зумра рӯзноманигорони шинохтаи кишвар ва собиқадорони ин соҳа бо мукофотҳои давлатӣ, аз қабили ордени Шараф дараҷаи 2, медали Хизмати шоиста, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тӯҳфаҳои қиматноки хотиравӣ, ба мисли телевизор, компютер ва ғайра сарфароз гардонда шуданд.

*www.prezident.tj*



# Иштироки Сарвари давлат дар маъракаи ниҳолшинонӣ

**10 марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳашари ниҳолшинонӣ иштирок намуда, мардуми кишварро ба вусъати кабудизоркунии муҳити зист ва корҳои ободонию созандагӣ даъват кард.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пас аз мулоқот бо намояндагони сершумори аҳли матбуоти кишвар ба мавзеи биноҳои маъмурию фарҳангии маркази шаҳри Душанбе ташриф оварда, дар ҳашари ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунии майдонҳои атрофи пайкараи Исмоили Сомонӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Нишони давлатӣ ва Парчами Тоҷикистон, Қасри Миллат ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон бевосита иштирок намуд.

Тайи чанд соли охир дар ин ва дигар мавзеъҳои пойтахт бо иштироки бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳазорҳо ниҳолҳои сояафкану ороишӣ, аз ҷумла ниҳолҳои нодири сӯзанбарг шинонда шудаанд, ки барои ба миён овардани иқлими маҳаллии нарму форам ва тоза кардани боду ҳаво нақши муҳим мебозанд. Ниҳолҳои сарву санавбар, арчаи маҳаллӣ, шоҳбулут, кипариси аризонӣ ва хусусан сиквой, ки зиёда аз ҳазор сол умр мебинад, минбаъд дар таъмини покизагии ҳаво ва зебоии шаҳри Душанбе нақши муҳим хоҳанд дошт.

Бо иштироки бевоситаю пайвастаи худ дар ҳашарҳои ниҳолшинонӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин масъулини соҳаҳои марбута ва мардуми кишварро ба вусъат додани кабудизоркунии муҳити зист ва корҳои ободонию созандагӣ ҳидоят намуд.

*www.prezident.tj*




## Ба мавсими кирмакпарварӣ омодагӣ мебинанд

**ДУШАНБЕ. (Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Тибқи иттилои котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои вазорат, аз ҷумла КВД «Пилла», корхонаҳои фаръии тухми кирмаки шаҳри Душанбею Хуҷанд ва Корхонаи фаръии зотпарварии тухми кирмаки шаҳри Ваҳдат бо мақсади муташаккилона гузаронидани мавсими кирмакпарварӣ нақшаю чорабиниҳо таҳия намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ноҳияҳои кирмакпарварӣ ба сармоягузорон вобаста шудаанд. Сармоягузорони ҶДММ «Дук», ҶДММ «Дӯстии Афғонистон», ҶДММ «ВТ Силк»-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «ВТ Роҳи Абрешим», ҶДММ «Дӯстӣ», КВД «Пилла», КФ «Сарбанд силк»-и шаҳри Сарбанд, КФ «ВТ Силк»-и шаҳри Кӯлоб, ҶДММ «Хуҷанд Атлас», ҶДММ «ВЧ Пилла»-и ноҳияи Данғара кирмакпарваронро бо тухми кирмаки хушсифат, маводи лозимӣ ва маблағи зарурӣ таъмин хоҳанд кард.

## Боғ бунёд мегардад

**ТУРСУНЗОДА. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Турсунзода маъракаи ниҳолшинонӣ бо дуои неки деҳқонони асил, ки фарогири орзуву ниятҳои наку ва сарсабзиву хуррамии кишвари азизамон аст, оғоз гардид. Дар рӯзи аввали ҳашари ниҳолшинонӣ масъулину кормандони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои ҳудуди шаҳр ва сокинони синну солашон гуногун иштирок намуданд.

Қабл аз оғози маърака мутахассисони соҳа тарзу усулҳои шинонидани ниҳолҳои мевадиҳандаро ба таври амалӣ нишон дода, оид ба роҳҳои нигоҳубини боғҳо маслиҳату тавсияҳо доданд.

Имсол дар деҳоти «Қаратоғ» боғи дарахтони донакдор, аз қабили олую шафтолу бунёд мешавад. Омодагии ҷиддӣ ба ниҳолшинонӣ имкон медиҳад, ки дар як муддати кӯтоҳ дар шафати шоҳроҳи Душанбе –Турсунзода боз як боғи намунавии дарахтони мевадиҳанда бунёд гардад.

## «Арбоб» таъмир мешавад

**СУҒД. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қасри таърихии «Арбоб» таъмиру таҷдид хоҳад шуд. Ҳоло дар паҳлуи он бунёди чойхонаи миллӣ идома дорад. Бино ба хабари Хадамоти иттилоотии раиси вилояти Суғд алҳол барои амалӣ шудани ин нақша Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят зиёда аз 10 миллион сомонӣ ҷудо кардааст.

## Шумораи шартномаҳои суғуртавӣ меафзояд

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Тӯли як соли охир кормандони филиали Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» - и минтақаи Кӯлоб бо 33 ҳазору 594 нафар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ шартномаҳои суғуртавӣ бастанд, ки 5356 адади он намуди ҳатмии суғурта ва 28 ҳазору 236 адади дигар мансуб ба суғуртаи ихтиёрӣ мебошад. Натиҷаи хуб ба роҳ мондани фаъолият аст, ки шумораи шартномаҳои суғуртавӣ нисбат ба як соли пешин 6863 адад афзун гардид. Саҳми суғуртачиёни ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Ховалинг ва шаҳри Кӯлоб қобили зикр аст.

## Мақсад - паст кардани сатҳи камбизоатӣ

**ҒОНЧӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО «Садои мардум»)** Бо мақсади амалӣ гардонидани Барномаи давлатӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ноҳияи Ғончӣ Лоиҳаи ташкилоти байналмилалии СММ - занон: «Гендер ва идоракунии демократӣ дар рушди хизматрасонии аввалиндараҷа барои занон дар Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Дар доираи лоиҳаи мазкур соли гузашта даври якуми фаъолият бо фарогирии шаҳраки Ғончӣ, деҳоти Ғазантараку Муҷун анҷом ёфт. Алҳол даври дуюми фаъолият дар деҳоти Яхтан оғоз шудааст. Гурӯҳҳои корӣ ва мушоҳидон дар ҷамоатҳои деҳот машваратҳои омӯзишӣ доир намуда, вазъи зиндагӣ ва огоҳии намояндагони табақаи камбизоатро дар мавриди бархӯрдорӣ аз қонунҳои амалкунанда ва донистани ҳуқуқу имтиёзҳояшон меомӯзанд ва ба ин васила як идда масъалаҳои сабти ҳуҷҷатҳои ҳолати шаҳрвандӣ низ ҳал мешавад.

## Бо рассоми халқӣ мулоқот карданд

**ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз дар арт-галереяи «Сомониён» – шаҳри Хуҷанд мулоқот ва намоиши ҳунари Рассоми халқии Иттиҳоди Шӯравӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфия Баҳриддинова баргузор гардид.

Сӯзаниҳои нодири ин рассоми шинохта ба тамошобинон завқи тоза бахшид. Дар чорабинӣ намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳунармандону рассомон, олимону дилбохтагони санъати миллӣ, шогирдону пайвандони ин ҳунарманди собиқадору хушзавқ иштирок намуданд.

Тибқи қарори раиси вилоят соли равон 90-солагии Зулфия Баҳриддинова дар қаламрави вилоят ботантана таҷлил мегардад.

## Васфи зан-модарро суруданд

**ЗАФАРОБОД. (Саидмурод Шарифӣ)** Дар китобхонаи шӯъбаи фарҳанги шаҳраки Меҳнатободи ноҳияи Зафаробод бо иштироки кормандон, аъзои маҳфили китобдӯстон ва модарон ҷамъомад баргузор гардид. Мудири китобхона Замира Шарофова дар мавзӯи «Васфи зан- модар» маърӯза кард. Аҳли ҷамъомад аз намоишгоҳи китоб, ки бахшида ба Рӯзи модар ташкил шуда буд, дидан карданд. Ба ин муносибат ҳамчунин дар Хонаи фарҳанги ноҳия озмуни «Бонувон» баргузор гардид. Ба ғолибони озмун - занҳои собиқадор ва пешқадамони соҳа ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супурда шуд.

Дар поёни ҷамъомад ҳаваскорони санъати ноҳия барномаи консертиро манзури ҳозирин гардониданд.

## Деҳқонон картошка ва сабзавот мекоранд

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ(фермерӣ)-и ҷумҳурӣ рӯзҳои мусоидро истифода бурда, картошка ва сабзавоти барвақтӣ мекоранд. Дар саросари кишвар аллакай дар 1091 гектар кишти картошка ва дар 7622 гектар кишти сабзавот анҷом дода шудааст. Аз гармхонаҳои ҷумҳурӣ бошад, сабзавоти тару тоза ба бозор ворид мегардад. Тибқи иттилое, ки аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон расид, то имрӯз аз гармхонаҳо беш аз 240 тонна помидор, зиёда аз 180 тонна бодиринг ва қариб 41 тонна дигар намуди сабзавот ҷамъоварӣ шудааст.

***Масъули гӯша***
***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

# Сӯҳбати Шукурҷон Зуҳуров бо Алиакбар Солеҳӣ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро муштаракоти таърихиву фарҳангӣ бо ҳам пайванди ногусастанӣ бахшида, ҷиҳати амалӣ намудани ҳамкориҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиву фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Имрӯз тоҷикону эрониён ҳар яке кишварҳои ҳамдигарро Ватан ва хонаи дуввуми худ мешуморанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро муштаракоти таърихиву фарҳангӣ бо ҳам пайванди ногусастанӣ бахшида, ҳамдиниву ҳамдилӣ ва ҳамзабонии ин ду мардуми дӯсту бародар ҷиҳати амалӣ намудани ҳамкориҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиву фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Мардуми тоҷик дар душвортарин лаҳзаҳо аз кӯмак ва дастгириҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон бархӯрдор буд ва имрӯз низ шоҳиди идомаи иқдомоти неки ин кишвари бародар аст.

Хусусан дар тайи чанд соли охир равобити ҳамаҷонибаи миёни давлатҳоямон бештар тавсиа ёфт. Чанде пеш Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон ба истифода дода шуд. Комилсозии лоиҳаи нақби Анзоб ва дигар лоиҳаҳо бо кӯмак ва дастгирии бародарони эронӣ босуръат ҷараён дорад. Ҳаҷми умумии савдои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир хеле афзоиш ёфт. Ҳоло байни кишварҳоямон беш аз 150 санади ҳамкорӣ ба имзо расида, дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон зиёда аз 150 корхонаи муштарак фаъолият менамояд. Бояд зикр кард, ки самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ - энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ, саноат, фарҳанг ва дигар соҳаҳо боқӣ мемонад. Кори Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодӣ бояд боз ҳам фаъол гардида, таҷрибаи Эрон дар боби фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

Мо тасмими сарони се кишвар - Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистонро ҷиҳати бунёди роҳи оҳани Эрон – Афғонистон – Тоҷикистон – Чин, роҳи мошингард ва хатти интиқоли барқи Эрон – Афғонистон – Тоҷикистон иқдоми нек ва муҳим мешуморем. Дар баробари ин, бояд хатти интиқоли лӯлаи об ба Эрон ва дар паҳлуи он газ ба Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирад.

Бояд зикр намуд, ки Эрон ҷиҳати бунёди ҳар чӣ бештари корхонаҳои гуногунсоҳа, пружаҳои фанниву техникӣ дар Тоҷикистон имконияту шароити зиёд дорад. Ҳар ду кишвар дорои захираҳои зиёди табиӣ, аз ҷумла захираи неругоҳҳои барқӣ ва ғайра мебошанд, ки дар ин замина ҳамкориҳои бештари ду ҷониб дар дигар бахшҳо низ қобили таваҷҷуҳ хоҳад буд.

Дастовардҳои бародарони эронӣ дар тамоми бахшҳои ҷомеаи кишвар боиси ифтихори Тоҷикистон ва миллату мардуми он мебошад. Дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ халқҳову кишварҳо бештар ба ёриву дастгирии ҳамдигар эҳтиёҷ доранд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин шароити душвор наздиктарин ва боэътимодтарин шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад. Танҳо равобити воқеан дӯстонаву сулҳҷӯёна ва дипломатияи солим метавонад мавқеи моро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намояд.

Мардуми ҳар ду кишвар ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи миёни кишварҳояшонро аз баракати муносибатҳои хуб ва бародаронаи роҳбарияти Тоҷикистону Эрон арзёбӣ менамоянд. Мулоқот ва сӯҳбатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҷаноби Олӣ Маҳмуди Аҳмадинаҷод дар шаҳрҳои Душанбе, Теҳрон ва дигар кишварҳо асоси воқеии таҳкиму густариши афзунтари ҳамкориҳои мушаххаси ду кишвари ҳамдилу ҳамоинро ташкил медиҳад.

Ҷойи хушист, ки имрӯз роҳбарони давлатҳоямон дар масоили ҳамкориҳои байни кишварҳо ва байналмилалӣ низ аз ҳамдигар пуштибонӣ менамоянд. Тавре огоҳӣ доред, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз тариқи дипломатӣ ҳал шудани қазияи энержияи ҳастаии Эрон ва ба ҳадафҳои осоишта истифода шудани онро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд. Албатта, ин ҷонибдории Роҳбари давлати мо ба баъзе давлатҳо ва шахсиятҳои сиёсии ҷаҳон хуш намеояд ва онҳо бо ҳар гуна баҳонаҳо барои мо фишору маҳдудиятҳо пеш мегузоранд. Таҳрими вагонҳо ва қатораҳо, кӯшишҳои гирифтани пеши роҳи бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва ғайра дар ин шуморанд. Мо бо ҳамаи кишварҳо ва хусусан бо кишварҳои ҳамсояи худ хоҳони дӯстиву ҳамкориҳо мебошем ва ҳамеша талош менамоем, ки ин гуфтаро дар амал татбиқ намоем.

Ҳоло дар матбуоти баъзе кишварҳои дунё дар атрофи Ҷумҳурии Исломии Эрон хабарҳои баҳсангез ба нашр мерасанд. Мо ҷонибдори онем, ки тамоми баҳсҳои марбут ба Эрон аз тариқи дипломатӣ ва гуфтушунид ҳал карда шаванд. Мо муқобили ҳама гуна таҳримҳо дар нисбати Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошем. Мо мехоҳем, ки Эрон як кишвари боз ҳам тараққикарда, боз ҳам шукуфову зеботар бошад. Имрӯз миллати Эрон як миллати муттаҳиду созанда ва нақши Ҷумҳурии Исломии Эрон дар дунё ва хоса дар ҷаҳони ислом хеле бузург аст.

Мавриди зикр аст, ки дар заминаи мусоиди ҳамкориҳо равобити байнипарлумонӣ низ тайи солҳои охир хеле густариш ёфт. Чандин сафари ҳайатҳои парлумонӣ ба кишварҳои ҳамдигар сурат гирифт. Дар давоми фаъолияти даъвати кунунӣ мулоқоту сӯҳбатҳои роҳбарият ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чандин ҳайатҳо ва шахсиятҳои воломақоми Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид. Дар парлумонҳоямон гурӯҳҳои дӯстӣ бо кишварҳои ҳамдигар таъсис ёфтаанд.

Сафари ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагон ба шаҳри Теҳрон моҳи ноябри соли 2010 ва сафари Раиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба шаҳри Душанбе ҷиҳати тақвият бахшидани равобити байнипарлумонии миёни ду кишвар нақши муҳим бозид.

Ба наздикӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон интихоботи нави Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид. Мо умедворем, ки бо ҳайати нави Маҷлиси Шӯрои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон низ равобити байнипарлумониамонро боз ҳам бештар густариш хоҳем дод.

Дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин санадҳои байналмилалии миёни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки ҷиҳати муҳайё намудани заминаи ҳуқуқӣ ва густариши равобити иқтисодии миёни кишварҳоямон нақши босазо хоҳанд бозид. Боварӣ дорам, ки миёни давлатҳо ва парлумонҳоямон бо истифода аз чунин шароити мусоид ҳамкориҳои бештаре ба вуқӯъ хоҳанд пайваст.

Ба Шумо, меҳмони гиромиқадр ва ба ҳамаи мардуми дӯсту бародари эронӣ саломативу пирӯзӣ орзу менамоям, -изҳор намуд Шукурҷон Зуҳуров.

Раиси Маҷлиси намояндагон ҳамчунин дар бораи хидматҳои арзишманди Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Алиасғари Шеърдӯст дар бахши густариши равобити миёни кишварҳо ва халқҳои Эрону Тоҷикистон, ки номбурда дар мулоқот иштирок дошт, маълумоти мухтасар ироа намуд.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алиакбар Солеҳӣ аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори миннатдорӣ намуда, дар бораи равобити гуногунсоҳаи миёни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар карда, аз ҷумла чунин гуфт:

-Шумо бо зебоӣ ва фарогирии комил роҷеъ ба муносиботи миёни ду кишвар ва мардуми эрониву тоҷик матолиби мавриди назарро ироа намудед. Ҷумҳурии Исломии Эрон роҳи ҳақ ва ҳадафҳои ҳақро пайгирӣ мекунад. Муносиботи мо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатталабона нест. Тоҷикистон дар даврони бостон меҳани муштараки ниёкони мо буд. Мо дӯсти содиқ ва воқеии Тоҷикистон ҳастем. Раисҷумҳури мо ҷиҳати иҷрои қарордодҳо бо Тоҷикистон ҳамеша мутаваҷҷеҳи ҳол ҳастанд. Мо мехоҳем, қабл аз ҳама Тоҷикистон аз тариқи роҳи оҳан бо обҳои озод пайваст гардад, ки ин хеле муҳим ва ҳаётист.

Тарафҳо дар бораи дигар бахшҳои ҳамкориҳои судманди ҳар ду кишвар низ изҳори назар карданд.

***Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**● Қадрдонӣ**



# Бе пир марав...

**«Дар хотир дошта бошед, ки зиндагӣ бо ҳама каму костиҳояш мегузарад, вале аз ҳама беҳтар ин аст, ки ҳама якдилу якҷон шавем ва миёнро маҳкам баста, ҳар кадомамон як амали хайру кори савобе анҷом диҳем ва барои наслҳои оянда аз худ ному нишони нек боқӣ гузорем».**

Ҳар вақте ин фармудаи Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба хотир орам, пеши назарам симои онҳое ҷилвагар мешаванд, ки лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба нақшаи амал ворид сохтанду пояи онро тарҳрезӣ намуда буданд.

Имсол барои мо роғунчиён ва ҳаводорони ин тарҳи тақдирсози миллат соли махсус аст. Мо азму иродаи қавӣ дорем, ки бо амалӣ намудани ин ҳадафи нек дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистони азизамон саҳми муносиб гузорем. Вусъати барқарорсозӣ дар ин иншооти азим гувоҳ аз он аст, ки мо аз ӯҳдаи вазифаи дар наздамон гузоштаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сарбаландона баромада истодаем.

Дар ҷараёни амалӣ гаштани нишондод, иҷрои супоришу дастур ва ҳидояти Сарвари давлат ба ёд овардану арҷ гузоштан ба хизмати шахсиятҳои поягузори ин нерӯгоҳи тақдирсоз дар пешорӯйи Наврӯзи дилафрӯз, ки аз муқаддастарин суннатҳои гузаштагонамон ба ҳисоб меравад, савоб аст. Хоса онҳоеро, ки ҳамеша ободиву шукуфоии диёр ва пешрафту тараққиёти Тоҷикистони азизи моро ҳаводоранду дар лаҳзаҳои мушкил таскинбахшу дастгирамон мебошанд.

Маҳз кӯмаку дастгирӣ, нияти хайри созандагию ободкории он пирони кор буд, ки баъди часпу талоши дурудароз сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» аз нав оғоз шуд ва дар давраи фаъолияти онҳо умури зиёди бунёдгузорӣ роҳандозӣ гашта, иншоот шакл гирифт.

Яке аз чунин шахсони барои мо азизу гиромиқадр нахустроҳбари сохтмони нерӯгоҳ Николай Григоревич Савченков мебошад, ки дар ин рӯзҳо 80- умин баҳори умрашро ҷашн мегирад. Мо, шогирдону пайравони ин сохтмончии овозадор, муҳандиси эътирофшудаи соҳа ифтихор менамоем, ки солҳои дурудароз бо ин марди кордону инсони шариф паҳлу ба паҳлу фаъолият карда, аз ӯ дарси маҳорату коргузорӣ омӯхтем.

Ҳаёти Николай Савченков ба Тоҷикистон ва соҳаи гидроэнергетикаи диёр сахт пайванд аст. Ӯ қариб тамоми умри бобаракат ва фаъолияти касбиашро маҳз дар Тоҷикистон гузаронида, дар рушди ин соҳаи барои хоҷагии халқ ниҳоят муҳим саҳми босазо гузоштааст.

Фаъолияти меҳнатии Николай Савченков дар Тоҷикистон ҳанӯз аз авҷ гирифтани сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ ва оғози бунёди дарғотҳои бузург дар диёрамон сар шудааст. Баробари оғози сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» оилаи Савченковҳо ба ин шаҳри он вақт овозадори собиқ ИҶШС омада, соли 1961 аз ибтидои сохтмон ба он саҳмгузор шуданд. Дар давоми нуздаҳ соли фаъолият дар Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» дар вазифаҳои масъул фаъолият карда, то ба сармуҳандиси ин иншооти муҳими замон сабзид.

Кордонию одамшиносии ӯро ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат Николай Савченковро муовини Раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон таъин намуд ва ӯ давоми панҷ соли дар ин вазифаи масъул фаъолият доштанаш дар пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи республика саҳми босазо гузошт. Бузургтарин корхонаҳои ҳамон замон бунёдшаванда, ба мисли Заводи нуриҳои азотии Вахш ва Комбинати химиявии Ёвон ба айёми фаъолияти Николай Савченков сахт пайванд мебошанд.

Соли 1978, бо авҷ гирифтани сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» роҳбарияти Ҳукумати Тоҷикистон малакаи касбӣ ва таҷрибаи бойи бунёдгузориву роҳбарии Николай Григоревичро ба инобат гирифта, ӯро сардори тресchallenge «Тоҷикгидрострой» ва ҳамзамон роҳбари сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» таъин намуд. Николай Савченков дар ин вазифаи масъул то лаҳзаи охирини кор, яъне қатъ гаштани кор дар сохтмони нерӯгоҳ, фаъолияти пурмаҳсул дошт.

Бинобар ба нафақа баромадан ва ҳодисаҳои маълуми солҳои навадуми асри гузашта Николай Савченков тарки Тоҷикистон карда бошад ҳам, ӯ доимо кӯшиш мекунад аз вазъи сохтмон ва рафти корҳои барқарорсозӣ бохабар бошад. Дар баҳсҳои давраҳои охир атрофи ин иншооти тақдирсози Тоҷикистон авҷгирифта фаъолона ширкат меварзад ва бунёди нерӯгоҳро аз ҳама ҷиҳат асоснок пуштибонӣ мекунад.

Фаъолияти Николай Григоревич дар пешрафти сохтмони иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон ва ба вуҷуд омадани низоми бузурги саноатӣ дар минтақа аз ҷониба Хукумати Шӯравӣ ва Тоҷикистон сазовор қадрдонӣ шудааст. Мавсуф шаҳрванди ифтихории диёри мост.

Номбурда Сохтмончии хизматнишондодаи Тоҷикистон буда, заҳматҳояш бо мукофотҳои зиёди давлатӣ қадрдонӣ шудааст.

Ӯ чор даъват намояндаи халқ дар парлумони Тоҷикистон буд. Мо дар ин рӯзҳои хуррами баҳорӣ аз фаро расидани 80- умин баҳори умри пурбаракати пири кор, муҳандиси сатҳи байналмилалӣ, инсони шарифу роҳбари чашмикордон ва устоди ҳамаи мо, сохтмончиёни нерӯгоҳи бузурги аср Николай Григоревич Савченков шоду мамнун буда, ба ӯ ва ба аҳли байташ ин рӯзи шодиву нишотро шодбош гуфта, орзу мекунем, ки дасти шафқаташ аз сарамон дур нагардаду меҳри падаронааш боз солҳои дароз дастгиру мададгор ва маслиҳатчиамон бошад.

***Хайрулло АСОЕВ,***
***узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***директори генералии ҶСШК «РогунГЭСстрой»***

# Бонувони ВКД пешсафанд

Бузургии зан-модар дар рисолати тарбиятгарӣ ва иқдому ташаббусҳои созандагиву бунёдкории ӯ таҷассум меёбад, зеро дар ҳама давру замон занон бо хислати наҷиби тарбиятгарии худ ҳамеша ҷомеаро ба пос доштани арзишҳои умумибашарӣ, сулҳу субот, ваҳдат, дӯст доштани Ватан, инчунин ба кору амали неку созанда даъват мекарданд ва имрӯз низ ин рисолатро онҳо ба зимма доранд.

Ба ифтихори ҷашни Рӯзи модар, ки дар маҷлисгоҳи ВКД баргузор гардид, дар баробари кормандони милитсия намояндагони Ҳукумат, Қумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанг ширкат варзиданд.

Вазири корҳои дохилӣ генерал-лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов кулли занонро бо санаи фархунда табрик карда, чунин зикр намуд:

- Боиси сарфарозист, ки имрӯз занони мақомоти корҳои дохилӣ баҳри ба иҷро расонидани вазифаҳои дар назди милитсия гузошташуда, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва коргузорӣ хизмати софдилона намуда, дар пешгирии ҳама намуди ҷинояту ҷинояткорӣ саҳми босазо мегузоранд. Мо аз он ифтихор дорем, ки дар рӯзҳои мушкилтарин беш аз 1300 нафар занон -кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баробари мардон паҳлу ба паҳлу дар таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон саҳм гузошта, ба муқобили ҷинояткорӣ мубориза бурданд.

Дар арафаи ҷашни Рӯзи модар бо дастгирию ғамхории Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 нафар занони мақомоти корҳои дохилӣ соҳиби хона гардиданд, ки ин нишони қадрдонӣ ва эҳтиром нисбати бонувон дар ин мақомот мебошад.

Барои хизмати арзанда аз ҷониби роҳбарияти вазорат 311 нафар занони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла оилаҳои бесаробон, собиқадорон ва занони фаъоли милитсия бо тӯҳфаҳои хотиравӣ ва мукофот қадршиносӣ гардиданд.

Бо мақсади солимии рӯҳию ҷисмонӣ ва иштирок дар мусобиқаҳо дар рӯзи ид толори варзишӣ барои занҳо ба истифода дода шуд

Бо фармони вазири корҳои дохилӣ барои намуна шудан ба мардҳо се нафар занони мақомот-лейтенанти калони милитсия Қунғуротова Матлуба, лейтенанти хурди милитсия Муҳаммедҷонова Азиза ва сержанти калони милитсия Рӯзиева Замира ба вазифаи нозири Бозрасии давлатии автомобилӣ таъин гардиданд.

Бо дастури Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ бо мақсади тарбияи насли наврас, алалхусус онҳое, ки бепарасторанд ва ба кӯмак эҳтиёҷ доранд, аз хонаи ятимон се нафар зан - Г. Назарова, Ш. Рамазонова ва М. Ҳакимова дар мақомоти корҳои дохилӣ ба вазифаҳои гуногуни ҳайати миёнаи роҳбарикунанда таъин гардида, бо хобгоҳи истиқоматӣ таъмин карда мешаванд. Рӯзи модар дар ВКД ботантана ва хотирмон таҷлил гардид.

***Ҷалолиддин САДРИДДИНОВ, рӯзноманигор***

# Китоб-оинаи фазлу камол

Китобро калиди дониш, аниси кунҷи танҳоӣ, фурӯғи субҳи доноӣ ва ғайраю ғайра тавсиф кардаанд. Мавзӯи семинари ҷумҳуриявии кормандони китобхонаҳои мамлакат, ки рӯзҳои 6-7-уми марти соли ҷорӣ баргузор шуд, «Китоб-оинаи фазлу камол» буд. Ба семинар намояндагони вазоратҳои фарҳанг ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаҳои маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои пойтахт, директорон ва мудирони китобхонаҳои бачагона ва мактабҳои вилоятҳои кишвар, шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ даъват шуда буданд.

Сармутахассиси Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралӣ Мирзоалиев зимни сухани ифтитоҳӣ барпо гаштани чунин ҷамъомадҳоро барои рушди кори китобхонаҳо ва тарғиби китоб самарабахшу муфид арзёбӣ кард.

Директори Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М.Миршакар, номзади илмҳои педагогӣ Қурбон Авғонов доири омодагӣ ба Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» маълумот дода, аз ҷумла зикр намуд, ки нақши ин ҳамоиши фарҳангӣ дар тарғиби адабиёти кӯдакона бузург аст.

Ин нуктаро ҳамчунин директори Китобхонаи вилоятии бачагонаи вилоти Суғд Хайриниссо Раҳимова, корманди Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Холбӣ Юсупова, муовини раиси Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ Ҷӯрабой Раҷабов, адибон Равшани Ёрмуҳаммад, Ҷӯра Ҳошимӣ ва дигарон таъкид карданд.

***Б.КАРИМОВ, «Садои мардум»***

# Нахустустоди мактаби компютерӣ дар Истаравшан



Дар Истаравшани бостон аксари аҳли зиё хуб медонанд, ки Бахтиёри Воҳидпур баҳри бузургдошти маърифат, пешрафти таълиму тарбия, «парокандани тухми сухан» шабони сард, гарму тоқатфарсоро дар дафтари маркази компютерӣ паси сар мекард. Ҷойи кор, хоб ва ҷойи ранҷу машаққаташ ҳама паси тугмаи дастгоҳи компютер буд.

Ӯ ҳамин минвол соле чанд дар ҳуҷраи кории идораи амволи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан кор кард. Ин рӯзноманигор ва саҳифабанд ба касеву чизе кор надошт. Бо сари хам паси дастгоҳи компютер ҳамвора машғули саҳифабандӣ ва ороиши рӯзномаву китобҳо буд. Дар ниҳоят, аз ҳунар ва тахаюлоти ғании Бахтиёр рӯзномаҳо ва китобҳои нав ба қавле «гул мекарданд», номаҳо «мешукуфтанд», мақолаҳо ва хабарҳои хонданӣ «тавлид мешуданд»… Шояд беҳтарин лаҳзаи зиндагӣ барои чунин фардҳо лаҳзае буд, ки рӯзнома ё китоби ороишдодааш ба дасти соҳибаш мерасид.

Собиқ раиси шаҳри Истаравшан Ҷумъа Зокиров дар як ҷамъомад ҳазломез Бахтиёри Воҳидпурро «падари мактаби компютерии Истаравшан» номида буд. Дар ҳақиқат, замоне ки «сир»-и ин техникаи ҳозиразамонро дар шаҳри Душанбе омӯхта, ба Истаравшан овард, касе аз ин кор огоҳ набуд. Беҳуда нест, ки номбурдаро беҳтарин саҳифабанд ва дизайнерони компютерии имрӯзаи шаҳри Истаравшан ва ноҳияҳои Ғончию Зафаробод нахустустоди худ мешуморанд.

Шояд ин байти Ҳоқонии Шервонӣ баёнгари ҳолу аҳволи қаҳрамони мо дар ҳамон замон ва ё имрӯз ҳам бошад:

***Дар сияҳкомӣ чу шаб рӯи***
***сапед орам чу субҳ,***
***Бас сапед ояд сияҳ хона***
***ба шаб маъвои ман…***

Бахтиёри Воҳидпур ҳини дар шаҳри Душанбе кору зиндагӣ доштан (солҳои 1986-1992) дар рӯзномаҳои бонуфузи ҷумҳурӣ «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), «Паёми Душанбе» ва «Тоҷикистон» дар вазифаҳои гуногун, аз мусаҳҳеҳи оддӣ то котиби масъул, дар студияи Телевизиони шаҳри Душанбе - «Сомониён» дар вазифаҳои муҳаррири калон, баъдан сармуҳаррири сарредаксияи барномаҳои байналмилалӣ, сипас ҳамчун сармуҳаррири рӯзномаи хусусии «1001 армуғон» кор кардааст.

Собиқ муовини раиси ноҳияи Зафаробод Аминҷон Исмоилов нақл мекунад, ки бо падари Бахтиёр, худораҳматӣ амаки Абдувоҳид, ҳамсояи дар ба дар буданд, он кас маро ба хонаашон даъват карда, хабари тӯйи суннатии фарзандони Бахтиёрро расониданд. Гуфтанд, ки зану кӯдаконаш аз Душанбе омадаанд ва худи Бахтиёр ҳам аз рӯйи гуфтугӯйи телефониам пагоҳ меояд. Тӯй бошад, пас аз се рӯз.

Якҷо маслиҳати тӯйро кардем…

Ду рӯз сипарӣ шуд, вале аз соҳиби тӯй дарак набуд. Тӯйро боз ба ду рӯзи баъдӣ мавқуф гузоштанд.

Як рӯз пеш аз даъвати дуюмбораи тӯй Бахтиёрро тасодуфан дар даромадгоҳи бозори марказии шаҳри Истаравшан вохӯрдам, ки ба муштариён Ҳафтаномаи навтаъсиси худ «1001 армуғон» («1001 сюрприз»)-ро тақсим мекард.

-Бахтиёр, ту чӣ кор карда гаштаӣ? Дар Зафаробод ҳама туро интизор. Бо айби ту тӯйро боз ду рӯз мавқуф гузоштанд, - гуфтам,- ба хотир меоварад А.Исмоилов.

Бахтиёр бо табассуми ба худ хос ҷавоб гардонд:

-Ако, тӯй гурехта намеравад. Вале рӯзнома сари вақт ба соҳибаш нарасад, гуноҳ аст...

Ӯ тайи 50 соли умри хеш давлату сарват ҷамъ накардааст, вале қиссаҳои аҷоибаш «Духтар ва дузд», «Ғӯрраи сармозада», даҳҳо ҳикоёти намакинаш, аз қабили «Сабзина», «Сабукрави албонӣ», «Ту худои манӣ», «Чатр», «Фарёди аҷузкампир», «Асрори теппаҳои сабз», «Каргаси оҳанхор» ва ғайра кайҳост дар ниҳонхонаи дили хонандагони сершумор маскан гирифтаанд.

Бахтиёр дар зиндагӣ як орзу дорад: ҳар вақте соҳиби пул шуд, китобҳои зиёди кайҳо боз интизори чопи хешро ба табъ мерасонад.

Аз ин рӯ, ба шаҳри Москва сафар карда, чандест ба тиҷорат машғул аст. Тез-тез ба шаҳри Душанбе ва Истаравшан занг мезанад. Аз ҳаёти фарҳангӣ ва матбуоти тоҷик доимо бохабар аст.

- Дар рӯзи таҷлили 100-солагии матбуоти тоҷик тамоми дӯстону ҳампешагонамро табрик мегӯям. Бигузор қаламашон доимо бурро бошаду илҳомашон саршор, -иброз дошт дар сӯҳбати телефонӣ Бахтиёри Воҳидпур.

*Ҳусейни НАЗРУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №7-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 6 апрели соли 2012 баргузор менамояд

**Ба музояда гузошта мешавад:**

1. Бинои меҳмонхона ва иншооти ёрирасони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Комбинати хӯроквории Тоҷикистон», нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 150, бо нархи ибтидоии 380 000 сомонӣ
2. Як қисми бинои коргоҳи сехи асбобсозии КВД «Тоҷиктекстилмаш»-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ
3. Анборҳои базаи филиали Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзии вилояти Суғд, нишонӣ: вилояти Суғд, ноҳияи Б.Ғафуров, бо нархи ибтидоии 1200 000 сомонӣ
4. Маҷмаи саломатии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Заводи арматурӣ ба номи С.Орджоникидзе», ҳозира (Корпоратсияи РЭМА), нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Ҷомӣ 2/1, бо нархи ибтидоии 800 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел. 221-73-74, 221-16-14,**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 6 апреля 2012 года проводит аукцион №7 по продаже недвижимости

**На аукцион выставляются:**

1. Здание гостиницы и вспомогательные сооружения ОАО «Комбинати хӯроквории Тоҷикистон», адрес: г.Душанбе, ул. Лохути 150, со стартовой стоимостью 380 000 сомони
2. Часть здания инструментального цеха ГУП «Тоҷиктекстилмаш» Министерства энергетики и промышленности РТ, адрес: г.Душанбе, ул.Назаршоева 7, со стартовой стоимостью 150 000 сомони
3. Складские помещения филиала базы Государственного предприятия защиты растений и химизации сельского хозяйства Согдийского области, адрес: Согдийский область, Б.Гафуровский район, со стартовой стоимостью 1200 000 сомони
4. Оздоровительный комплекс ОАО «Арматурный завод им.С.Орджоникидзе» (нынешняя Корпорация РЭМА),адрес: г.Душанбе, ул.А.Джоми 2/1, со стартовой стоимостью 800 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения. **г. Душанбе, пр. Рудаки 44**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор |
|---|---|---|---|---|---|
| 647/1-293 | Клиникаи Институти илмӣ-тадқиқотии гастроэнтерологияи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 10 |
| 648/1-294 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Чопи шаклу варақаҳо | номгӯй | 6 |
| 649/1-295 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 310000 |
| 650/1-296 | Муассисаи давлатии маркази таъминоти варзишӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Либос | номгӯй | 5 |
| 651/1-297 | Хадамоти назорати давлатии санитарӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Таҷҳизоти тиббӣ ва техникӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | |
| 652/1-298 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Сару либоси ҳарбӣ | номгӯй | 19 |
| 653/2-227 | Маркази саломатии шаҳрии №7, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи доруворӣ | номгӯй | 40 |
| 654/2-228 | Осоишгоҳи бачагонаи касалиҳои сили «Қаратоғ» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 25 |
| 655/2-229 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизоти ултрасадои маркааш WED-9608 | адад | 1 |
| 656/2-230 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №38, н.Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Маҷмӯи компютер<br>Ноутбук | адад<br>адад | 9<br>1 |
| 657/3-104 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои н.Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Тайёр намудани минбар барои наврӯзгоҳ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | |
| 658/3-105 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Чопи нашрияи «Омӯзгори ҷавон» | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | |
| 659/3-106 | Муассисаи давлатии боғи фарҳангӣ ва фароғатии ба номи С.Айнии ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои ҳоҷатхона ва саҳнаи Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ ва фароғатии ба номи С.Айнӣ» | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | |
| 660/3-107 | Маркази саломатии шаҳрии №12, ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино ва бо панҷара маҳкам кардани атрофи Марказ | тибқи санади нуқсонӣ | |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи №605/3-89 аз 2 марти соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 6 марти соли 2012 таҳти №27 (2854) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати $9^{30}$ 16 марти соли 2012 хонда шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

Соҳибкори инфиродӣ Бешбоев Ҷӯрабек, ки соҳиби патенти № 0142596, дорои РЯМ 0730041061 буда, онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 21 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Патенти №0041293-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон 29 марти соли 2010 ба Ҳазратқулова Басхол додааст, эътибор надорад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонии №120/03-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2003 ба Саидов Баҳодур Шукурович додааст, эътибор надорад.

➔ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Қӯрғонтеппа 1 августи соли 2001 бо қайди №29 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритус, Ҷамоати деҳоти Обшорон, шаҳраки Гидростроител, деҳаи Обшорон ба Заводи ширбарории ноҳияи Шаҳритус додааст, эътибор надорад.

➔ Ҳисобнома – фактура аз рӯйи ААИ ва аксизҳои силсилаи ВВ №№ 168506, 168511, 168514, 168515, 168516, 168517 ва 168520-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ соли 2011 ба ҶДММ «Иттифоқ», бо РМА 190005108 додааст, эътибор надорад.

➔ Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликиятдории гумшуда, ки онро 9 марти соли 2006 Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ таҳти феҳристи 2ғ-956 барои пойгоҳи обкашӣ ва айвон, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, қишлоқи Сангтӯда ба Сафаров Ҳайдаралӣ Ибодуллоевич додааст, эътибор надорад.

➔ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, хонаи 76, ҳуҷраи 29 ба Нуралиев Нурулло Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

➔ Дипломи ТСИ № 006616-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 28 июни соли 1999 ба Шаропов Салим Каримович додааст, эътибор надорад.







Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 12 марти соли 2012, соати 18.50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха*

*Навбатдори шумора*
Неъматулло Солеҳов

*Тарроҳони компютерӣ*
И. Самохин ва Н. Исмоилова